# РАВАНДҲОИ ТАЪСИРПАЗИРИИ ЗАБОН ВА ҲИФЗИ АСОЛАТИ ОН. Дар ҳошияи Паёми Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон

Опубликовано 17 января, 2019 - 11:55 пользователем Ҳайати тадорукот
[1]

ДУШАНБЕ, 25.01.2019 /АМИТ «Ховар»/. Паёми Пешвои миллат пойдевори асосии ҳифзи асолати арзишҳои миллӣ ва суннату фарҳанги волои ниёгон,  сарчашмаи илҳоми ватандорию ватандӯстӣ ва ҳувияти миллӣ буда, ҳамасола моро аз арҷгузорӣ ба муқаддасоти миллӣ,

бузургдошти анъанаҳои гузаштагон ва гиромӣ доштани забони давлатӣ дар замони гирудорҳои фарҳангӣ ва омезиши тамаддунҳо ҳушдор месозад. Ин матлабро муовини раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои филология Саодатшо МАТРОБИЁН зимни мусоҳиба ба хабарнигори АМИТ «Ховар» Мавҷуда АНВАРӢ баён дошт.

АМИТ «Ховар»: Раванди ҷаҳонишавӣ, ки дар баробари ҷанбаҳои мусбати худ оқибатҳои ҳузнангез ҳам ба бор дорад, ба забони давлатӣ низ бетаъсир намемонад. Дар робита ба ин Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ ба такягоҳу посдорони асосии забони модарӣ таъкид намуданд, ки барои поку беолоиш нигоҳ доштани забони тоҷикӣ кӯшиш карда, одоби муошират ва суханвариро омӯзонанд. Дар ин таъкид кадом масъалаҳои муҳим пешорӯйи мо, соҳибзабонон гузошта мешавад?

Саодатшо Матробиён: Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ ба такягоҳу посдорони асосии забони модарӣ таъкид карданд, ки «бонувону модарони мо бояд, муҳимтар аз ҳама, барои поку беолоиш нигоҳ доштани забони тоҷикӣ, ки мо онро маъмулан забони модарӣ меномем, кӯшиш карда, ба наслҳои оянда одоби муошират ва суханвариро бо ин забони ширину шоирона омӯзонанд».

Дар ин таъкид ду масъалаи муҳим, якум- поку беолоиш нигоҳ доштани забони тоҷикӣ, дуюм- ба наслҳои оянда омӯзонидани одоби муошират ва суханварӣ ба соҳибзабонон таъкид шудааст.

Масъалаи аввал, ки ба ҳифзи забони давлатӣ марбут аст, хеле нозуку ҳассос буда, ба

раванди инкишофи ҷомеа алоқамандии сахт дорад. Маҳз ҳамин раванди ташаккули ҷомеа  ба забон таъсир расонида, худ ду раванд-таҳаввули забон ва таназзули забонро ба вуҷуд меоварад.  Раванди таҳаввули забон дар асоси қонуну қоидаҳои рушду ташаккули забон ба амал меояд, ки ба инкишофи дохилии забон марбут аст.

Аз ин рӯ, ин раванд ҳазорсолаҳоро дар бар мегирад, ки забон аз нигоҳи грамматикӣ ва фонетикӣ тағйир ёбад. Тағйир ёфтани забон дар асоси қоидаҳои дохилии худ ин амри табиӣ аст. Бинобар ин, раванди мазкур осебпазир нест. Забони тоҷикӣ дар тӯли таърих се давраро аз сар гузаронидааст, яъне се маротиба он шакли грамматикиву овоии худро дигар намудааст, аммо аз байн нарафтааст. Раванди таназзули забон бевосита ба забон аз берун таъсир расонида, боиси аз байн рафтани забон мегардад.  Раванди аввал, агар омили рушди забон гардад, раванди дуюм сабаби асосии аз саҳифаи таърих нест  шудани забон мебошад.

Раванди охир ба ду самти муҳим- ҷомеа ва хонавода риштаи пайвандӣ дорад. Самтҳои зикршуда таъсири экстролингвистӣ дошта, забонро ё ҳифз мекунанд ва ё ба таназзули он сабабгори асосӣ мешаванд. Дар тамоми қишри ҷомеа истифодаи забон мавқеи махсус дорад. Агар забон дар ҷомеа мақоми худро наёбад, он ба забони хонаводагӣ табдил меёбад, аммо ин маънои аз байн рафтани забонро надорад. Танҳо истифодаи забон маҳдуд мегардад.

Забони тоҷикӣ дар ҷомеаи мо мақоми хоси худ – мақоми давлатӣ дорад. Аз ҷониби дигар, дар ҷомеаи мо сиёсати давлат дар самти забон оқилона ба роҳ монда шудааст. Санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи забон қабул кардааст, ҳифзи забони давлатӣ ва дигар забонҳои ҳудуди ҷумҳуриро таъмин менамоянд. Аз ҳама муҳим, таваҷҷуҳ ва алоқамандии бевоситаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбат ба забон мебошад.   Аз ин рӯ, бо дили пур метавон гуфт, ки забони давлатӣ ва дигар забонҳо дар ҷомеаи мо пуштибону ғамхори худро доранд. Гузашта аз ин, Сарвари давлат дар яке аз суханрониҳояшон барҳақ фармудаанд: «Забони модарӣ сарвати бебаҳои миллат ва давлат буда, дар ҳифзи асолати забони нобу шоиронаи тоҷикӣ бояд тамоми аъзои ҷомеа ғамхор ва саҳмгузор бошанд».

АМИТ «Ховар»: Имрӯзҳо забони технологияи муосир ҳамчун забони абарқудрат монеаи рушди дигар забонҳо гардида истодааст. Забони тоҷикӣ низ дар ҳамин гирудор қарор дорад ва дар ин ҳолат кадом қувва метавонад раҳобахши забони мо бошад?

Саодатшо Матробиён: Ҷомеаи имрӯз бо суръати баланд рушд карда, забони технологияи муосир ҳамчун забони абарқудрат монеаи рушди дигар забонҳо мегардад, ки таъсири он имрӯз назарногир аст, вале идомаи ин раванд хатарзо буда, натиҷаи таассуфоварро пайгир аст. Дар ин ҳолат, танҳо забоне  раҳо меёбад, ки ҳамқадами забони  технология бошад. Забони тоҷикӣ дар ҳамин гирудор қарор дорад. Қувваи бузурги зиёиёне, ки ба забони тоҷикӣ ҳамчун забони давлатӣ ва миллӣ арҷ гузошта, онро волотар аз дигар забонҳо медонанд, метавонад раҳобахши забони мо бошад.

Раванди иқтибосгирӣ дар забон амри воқеӣ аст ва он яке аз заминаҳои рушди таркиби луғавии забон аст. Забони тоҷикӣ дар тӯли мавҷудияти чандинҳазорсолаи худ аз забонҳои зиёде иқтибос гирифтааст, ки онҳо танҳо қабати вожагони забонро ғанӣ гардонидаанд. Аммо «ҳар чи аз ҳад бигзарад, расво шавад», яъне дар баробари иқтибосгирӣ «коргоҳи калимасозӣ»-и забон набояд аз фаъолият монад. Забони адабии тоҷикӣ имрӯз ба ҳамин ҳолат дучор шудааст. Вожаҳои иқтибосӣ ба таври бутун ба забон ворид шуда, соҳибзабонон онҳоро дар ҳамон шакл истифода мебаранд.

Дар забон қабати аз ҳама иқтибоспазир исм аст, вале дар забони тоҷикӣ дигар ҳиссаҳои нутқ ҳам иқтибос (хусусан аз забони арабӣ) пазируфтаанд. Раванди арабигароӣ дар забони тоҷикӣ садсолаҳо ҳанӯз идома дорад ва ин ба он оварда расонидааст, ки бо дарназардошти вожаҳои китобӣ 64 фоизи таркиби луғавии забонамонро имрӯз  калимаҳои арабӣ ташкил медиҳанд. Танҳо унсурҳои устувори  грамматикии забони тоҷикӣ ва шеваҳои зиндаи он имкон намедиҳанд, ки забон аз байн равад.

Масъалаи дигаре, ки ба ҷомеа иртибот дорад, ин тарғиби дурусти истифодаи воҳидҳои асосии забон мебошанд. Таблиғгарони асосии забон дар ҷомеа ВАО мебошанд. ВАО чун оинаи

забонанд, ки акси онро омма мебинад ва чӣ гунае ки пешниҳод гардад, ҳамон тавр онро қабул мекунад. Ҳатто назар ба ҳазорон китобҳои илмию бадеие, ки муҳаққиқону адибон таълиф менамоянд, барои омма забони ВАО дастрастар аст. Дар ин маврид ҳолати забони тоҷикӣ нигаронкунанда мебошад. Ҳамин ҳолат дар забони матни китобҳои дарсиву асарҳои тарҷумашуда низ ба назар мерасад, ки таъсири онҳо бевосита ба гӯяндагон зиёд аст.

Забонро гӯянда – соҳибзабон зинда медорад.  Агар забони соҳибзабон коҳиш ёбад, ин ба кам шудани умри забон мерасад. Устод Айнӣ зикр карда буд, ки «зотан хатои забонӣ бемории гузаранда аст» ва дар тақвият ба ҳамин гуфтаҳо М. Шакурӣ  дар мавриди тарҷумаи китобҳо таъкид мекунад: «Дар ҳақиқат, хатое, ки тарҷумоне ё қаламдасте аз беаҳамиятӣ ё  камсаводӣ содир мекунад, мумкин аст, пас аз андак муддат чунон интишор ёбад, ки баъзе хушсаводтарин зиёиён ҳам аз он бехабар монда, мубталои он мегарданд».

АМИТ «Ховар»: Дар поку беолоиш нигоҳ доштани забони тоҷикӣ рисолати модарону бонувон аз чӣ иборат аст ва нигаҳдору муҳофизи асосии забон  кӣ аст?

Саодатшо Матробиён: Самти дигаре, ки дар ҳифзи асолати забон дар сафи пеш қарор дорад ва ба раванди таназзули забон ҳамеша монеа эҷод карда метавонад, ин хонавода  мебошад. Дар ҳолати беэътиноӣ ва беаҳамиятии сутунҳои асосии хонавода – падару модар забон коста мегардад, асолати худро гум мекунад ва ҳатто аз истифода мебарояд.

Бо кадом забоне, ки дар хонавода бо кӯдакон гап зананд, мақоми ҳамон забон дар хонавода устувор гашта, забони аслии кӯдак маҳсуб мегардад. Агар он забони ғайр бошад, дар дили кӯдаке, ки насли ояндаи миллат аст, бедор намудани ҳувияти миллӣ хеле душвор мегардад. Бо таваҷҷуҳ ба ҳамин масъала, Пешвои миллат ба бонувону модарон муроҷиат карда, поку беолоиш нигоҳ доштани забони тоҷикиро аз онҳо тақозо доранд.

Нигаҳдору муҳофизи асосии забон насли хурдсол мебошад. То замоне, ки насли хурдсоли мо бо забони тоҷикӣ сухан гӯянд, забон зиндаю ҷовид мемонад. Дар робита ба ҳамин, дараҷаи хатарҳои нобудшавӣ ё худ таназзули  забонҳоро дар асоси  таҳлилҳои ЮНЕСКО дида мебароем:

Бехавф – забоне, ки аз насл ба насл истифода шуда, интиқоли он байни  наслҳо  халалдор нагаштааст;
Коҳида –  забоне, ки бо он қисми зиёди кӯдакон гуфтугӯ мекунанд, аммо истифодаи он метавонад маҳдуд бошад (масалан, бо он забон танҳо дар доираи хонаводагӣ гуфтугӯ намоянд);
Таҳдиди хатардошта –  забоне, ки  барои кӯдакон ҳамчун забони модарӣ омӯзонида намешавад;
Хатари ҷиддӣ дошта – забоне, ки танҳо аз ҷониби насли калонсол истифода мешавад ва барои падару модар фаҳмо аст, аммо барои кӯдакон нофаҳмо ва онро дар муошират истифода намебаранд;
Дар дами нобудшавӣ – забоне, ки соҳиби хурдтарини он калонсолон мебошанд, вале  онҳо ҳам  онро қисман ва гоҳҳо истифода мебаранд.
Нобудшуда – забоне, ки дигар мавриди истифода нест.

Хушбахтона, аз рӯйи таҳлилҳои вазъи забонҳо ва дараҷабандии онҳо забони тоҷикӣ дар дараҷаи аввал қарор дорад. Ҳеҷ як раванде наметавонад ба забон таъсир расонад, агар соҳибони бедордилу арҷгузори содиқ дошта бошад. Рисолати модарону бонувон имрӯз дар назди миллату Ватан поку беолоиш нигоҳ доштани забони модарӣ – забони тоҷикист. Барҳақ Пешвои миллат мегӯянд: «Донистани забони модарӣ эҳтиром ба миллат ва гузаштаи хеш мебошад... Онро ҳамчун муқаддасоти миллӣ бояд ҳифз кард»

**Рейтинг контента:** 5

Средняя оценка: 5 (2 голос)

Rate

## Категория:

- Гузоришҳо [2]
- Ахбори рӯз [3]
- Забоншиносӣ [4]
- Забони тоҷикӣ [5]
- Кумита [6]
- Кумитаи забон [7]
- Мақолаҳо [8]
- Эълонҳо [9]
- Қонунгузорӣ [10]

---

**Источник::**http://kumitaizabon.tj/ru/content/ravandkhoi-tasirpazirii-zabon-va-khifzi-asolati-dar-khoshiyai-payomi-peshvoi-millat-emomali

**Ссылки**
[1] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/field/image/Saodatsho.jpg [2] http://kumitaizabon.tj/ru/taxonomy/term/28 [3] http://kumitaizabon.tj/ru/taxonomy/term/10 [4] http://kumitaizabon.tj/ru/taxonomy/term/32 [5] http://kumitaizabon.tj/ru/taxonomy/term/38 [6] http://kumitaizabon.tj/ru/taxonomy/term/14 [7] http://kumitaizabon.tj/ru/taxonomy/term/73 [8] http://kumitaizabon.tj/ru/taxonomy/term/26 [9] http://kumitaizabon.tj/ru/taxonomy/term/25 [10] http://kumitaizabon.tj/ru/taxonomy/term/17